O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI
OLIY VA O‘RTA MAXSUS TA’LIM VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995 yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

5-2022

НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

M.M.Karimov
A.Qodiriyning “O‘tkan kunlar” romanining inglizcha tarjimalarida leksik- stilistik bo‘yoqdorlikni saqlash tamoyillari 125
A.A.Shernazarov, X.J.Jamolova
“Boburnoma”dagi forscha baytlarning mualliflari 129
M.B.Rajabova
Alisher Navoiy ijodida marsiya va lavhalar 133
G.S.Qurbonova
Nurali Qobul ijodida ayol ruhiyati tasviri 140
M.K.Mirzoyev
Farzona Xo‘jandiy she’rlarida motam marosimining badiiy ifodasi 145
M.A.Jo‘rayeva
Cho‘lponning “Vayronalar orasida” asari janr xususiyatlari 149
L.A.Masharipova
O‘zbegimning go‘zal urf-odatlari 154

TILSHUNOSLIK

M.Y.Mamajonov, Z.A.Mirzamatova
Diplomatik munosabatlar ramz va turlarining tasniflari 158
Z.Sh.Pazilova
O‘zbek va nemis tillarida to‘y bilan bog‘liq leksik birliklar 163
M.Y.Xusaynova
O‘zbek va ingliz tillarida paxta leksemasining lingvomadaniyatda aks etishi 168
M.M.Mamajanova
Ingliz tili grammatikasining retseptiv ko‘nikmalarini o‘rgatish 172
N.A.Xoshimova, M.R.Nematjonova
Tarjimada realiyalar masalasi 176
X.M.Maripova
Frazeologik birliklarning lingvokulturologiya bilan bog’liqligi 179
N.A.Mansurova
Tilshunoslikda terminologiya masalalari 183
M.R.Komilova
O‘zbek tilshunosligida o‘zlashma leksemalarning o‘rganilishi tarixi 187
J.X.Djamolov
O‘zbek tilining davlat tili maqomiga erishish jarayoni 192
Sh.T.Yusupova
Lingvistik interferensiya hodisasining mohiyati xususida 197
M.O.Batirxanova
Somatik frazeologik birliklar tadqiqida “Madaniy kodlar” 201
G.X.Saydullayeva, O.P.Uralova
“TikTok” ijtiomoiy tarmoq izohlarida xorijiy so‘zlarning izohlarda ishlatilishi 203
M.M.Nurmatova, M.O.Oripova
Nutqiy etiketni shakllantirishda madaniyat va ijtimoiy omillarning o‘rni 206

MATEMATIKA

A.K.Yusupova, B.Qurbonov
Ba’zi biologik jarayonlarni differensial tenglamalar yordamida o‘rganish 209
O‘.U.Ismailov
Atoqli otlar nazariyasi va semantikasi 214

FIZIKA– TEXNIKA

E.X.Bozorov, M.A.Abdullayeva
Oliy ta’lim muassasalarida “radiatsiya xavfsizligi” fanini o‘qitishda interfaol metoddan foydalanish 218

ADABIYOTSHUNOSLIK

UDK: 821.512+40/42/48 **DOI: 10.56292/SJFSU/vol28_iss5/a26**

FARZONA XO‘JANDIY SHE’RLARIDA MOTAM MAROSIMINING BADIIY IFODASI

БОЗТОБИ БАДЕИИ МАРОСИМИ МОТАМ ДАР АШЪОРИ ФАРЗОНАИ ХУҶАНДӢ

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ОТРАЖЕНИЕ ТРАУРНОГО ОБРЯДА В СТИХАХ ФАРЗОНЫ ХУДЖАНДИ

ARTISTIC REFLECTION OF THE MOURNING CEREMONY IN THE POEMS OF FARZANA KHUJANDI

Мирзоев Масуджон Кимасанович[1]

[1]**Мирзоев Масуджон Кимасанович** - муаллими кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона, унвонҷӯ

Annotatsiya

Mazkur maqolada Tojikiston xalq shoiri Farzonai Xo‘jandiy she’rlarida motam marosimining badiiy aks etish xususiyatlari tadqiq qilinadi. Shoiraning motam marosimi udumlarini ifodalovchi so‘z, atama va iboralarni shoirona san'at va mahorat ila yangicha talqin etganligini o‘rganish asosiy maqsad etib belgilandi.

Аннотатсия

Дар ин мақола вижагиҳои бозтоби бадеии маросими мотам, дар ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаст. Таъйин ва таъкиди шеваҳои ба худ хос, ҳунари маънӣ ва муҳокотофаринӣ дар заминаи вожаҳои вижа ва аносири маросими мардумӣ ва бардоштҳои шоиронаи ӯ ҳадафи асосӣ қарор дода шуд.

Аннотация

В данной статье исследуются особенности художественного отражения траурного обряда в стихах народного поэта Таджикистана Фарзонаи Худжанди. Основная цель состояла в том, чтобы определить и подчеркнуть её уникальный стиль, особенности поэтических выражений на почве художественного отражения народных ритуалов.

Abstract

This article will discuss the features of artistic reflection on mourning ceremonies in the poems of the People's poet of Tajikistan, Farzonai Khujandi. The main purpose of the research was to study the poet's new interpretation of the words, terms, and phrases with poetic art and skill, which express elements of the mourning ceremony.

Kalit so‘zlar: *xalq madaniyati, motam, tayoqqa suyanish, azo, janoza, badeiy obraz va...*

Вожаҳоикалидӣ: *фарҳанги мардумӣ, сӯгворӣ, марсия, такя ба асо, азо, ҷанозакашонӣ, заминаи образи бадеӣ ва...*

Ключевые слова: *народная культура, траур, опирание на палку, похороны, художественный образ и.*

Key words: *folk culture, mourning, leaning on a stick, funeral, artistic image and...*

САРСУХАН

Марсимҳои мардумӣ ва ҷашну идҳо ҳамзамон бо таърихи ташаккул ва такомулёбии ҷомеаи мутамаддин падид омада, “*дар натиҷаи табаддулоти ҳаёти иҷтимоӣ иқтисодӣ ва маданӣ расму оин ва анъанаҳо низ тағйир ёфтаанд*[1.65]. Халқи тоҷик, ки аз қадимтарин миллати мутамаддини дунёст, кохи фарҳанги маънавии хешро бо маъниофариву зебоишиносӣ ва ташкилу ташаккули зеботарин маросимҳо, урфу одатҳо, ҷашну идҳо оростааст. Аз ин ҷост, ки дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии халқи тоҷик инъикоси маросимҳои мардумӣ ва ҷашну идҳои пешин таърихи зиёда аз ҳазорсола дорад. Ва имрӯз ҳам фарҳанги мардумӣ, аз ҷумла ҷузъиёти маросимҳои тую мотам, ҷашну идҳо барои аҳли қалам ба сифати манбаи илҳом, заминаи тасвир, ангезаи тахайюл ва андешаи шоирона хидмат мекунанд.

Дар ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ бозтоби маросимҳои мардумӣ, ки дар адабиёти мо собиқаи беш аз ҳазорсола дорад, чӣ гуна сурат гирифта ва чӣ арзиши ғоявию бадеӣ доранд? Ҳадафи шоир аз зикр ё тасвири ҷузъе аз урфу одат, вожаҳои вижаи маросимҳои мардумӣ чист? Тасмим гирифтем, ки дар ин мақола бозтоби бадеии яке аз унсурҳои побарҷои фарҳанги мардумӣ - маросими мотам дар ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор диҳем.

Зимни таҳқиқи мавзӯи мақола баъзе дубайтиву рубоиёти халқӣ, марсияву сӯгномаҳои устод Рӯдакӣ ва устод Лоиқро низ мавриди омӯзиш қарор додем, то вижагии бозтоби маросими мотамро дар ашъори Фарзона мушаххас карда тавонем ва ба ин васила кӯшише рафта дар инъикоси идомаи анъанаҳои судманди адабӣ, навовариҳои эҷодӣ, пайванди асрҳову наслҳо.

ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТҲО ВА УСЛУБҲО

Маросими мотам ва дафни халқҳои ориёнажод решаҳои амиқи торихӣ, этникӣ ва динӣ доранд. Онгуна, ки муаллифи мақолаи “Бозтоби расму одатҳои азодорӣ дар афсонаҳои халқӣ” А. Абдуллоев таъкид мекунад: *“Маросими мотам нисбат ба дигар маросимҳои оилавӣ хеле устувор буда, бисёр тасаввурот ва расму оинҳои қадимаро дар таркиби худ ҷой дода, онҳоро бо тағйиротҳои каму беш то замони мо оварда расонидааст*[2.166]. Бино ба хулосаи муҳаққиқон, тасвири маросими мотам дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии тоҷик агарчи камтар ба назар мерасад, аммо ба сифати як ҷузъи дерин ва порбарҷои фарҳанги мардумӣ ва исломӣ ба рушди эҷодиёти даҳанакии халқ ва адабиёти бадеӣ ҳамчун замина хидмат кардааст[1.78]. Дар маросими мотам худро азоб дода гиристан, рӯйканию мӯйканӣ кардан аз қадим маъмул будааст[2.169]. Тасвири шоиронаи ҳамин манзара дар байти зерини устод Рӯдакӣ низ ба назар мерасад, ки далели рӯшани қадимияти ин одат аст:

Зану духтар-ш гашта мӯякунон,
Рух карда ба нохунон шудгор[3.15].

Одамшуаро Рӯдакӣ агар дар байти фавқ одатеро аз маросими мотам хеле шоирона тасвир карда бошад, дар абёти зер расми либоси сиёҳ пӯшидани азодоронро ба сифати заминаи тасвир ба кор гирифтааст:

Ман мӯйи хешро на аз он мекунам сиёҳ,
То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.
Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сияҳ кунанд,
Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ. (3.15).

Мутолиаи ашъори Фарзона касро ба хулосае меорад, ки барои ӯ мавзӯи ба шеър бегонаву ночаспон вуҷуд надорад. Дарки амиқи хосият ва моҳияти ашё, воқеаҳо, ҷузъиёти зоҳиран назарногири ҳаёти иҷтимоӣ, андешаи густарда ва тахайюлоти рангин, диди дарунбини шоирона имконият медиҳанд, ки дар заминаи аносир ва вожаҳои вижаи фарҳанги мардумӣ низ ба хонанда ташбеҳу тавсифу истиораҳои бесобиқа, тасвирҳои тозаву муассир ва андешаҳои мунаввар ва натиҷагириҳои орифонаро тақдим кунад. Аз ин ҷост, ки ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ эътибори суханшиносону муҳаққиқини каломи бадеъро низ беш аз пеш ҷалб мекунад.

Тибқи маълумоте, ки дар “Осорномаи Фарзона” ироа шудааст, шумораи умумии хабару гузоришҳо, мақолаву таҳқиқот дар бораи Фарзона ва ишораву истинод ба осори ӯ 361 ададро ташкил мекунад[4.135-163]. Адибони номвари тоҷик Сотим Улуғзода, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Қутбӣ Киром, Аскар Ҳаким, Камол Насрулло, Доро Начот, Неъмат Оташ ва дигар олимони маъруфи тоҷикистониву хориҷӣ, аз ҷумла Атохон Сайфуллоев, Абдунабӣ Сатторзода, Усмонҷон Ғаффоров, Муваҳҳадӣ, Алӣ Асғари Шеърдӯст, Матлубаи Мирзоюнус, Ориёнфар, Субҳони Аъзамзод, Ноили Дастгир, Нуралӣ Нурзод ва дигарон доир ба паҳлӯҳои гуногуни осори Фарзона андешаҳои арзишманд баён кардаанд. Роҷеъ ба шеъри Фарзона аҳли таҳқиқи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Сарфароз Юнусов, Тайиба Бобоева, Зоҳид Қурғонов, Дилшодаи Фарҳодзод, Парвонаи Барарпур, Суҳайло Ҳусейнӣ ва дигарон рисолаи илмӣ навиштаанд. То ҷое ки огоҳ шудем, бозтоби фарҳанги мардумӣ, хоссатан Наврӯз дар ашъори Фарзона аз ҷониби олими маъруф, профессор Матлубаи Мирзоюнус[5.298-299], муҳаққиқ Суҳайло Ҳусейнӣ (“*Наврӯз дар шеъри Фарзонаи Хуҷандӣ шоири Фарорудон*”) [4.137] таҳқиқ шудааст.

НАТИҶАҲО ВА МУҲОКИМА

Устод Абдунабӣ Сатторзода - суханшиноси маъруф таъкид кардаанд, ки *“Адабиёт бидуни ҷустуҷӯйҳо, ковишҳову санҷишҳову озмоишҳо намешавад ва бояд чунин бошад, лекин ҳамзамон фаромӯш набояд кард, ки адабиёти мондагор, шеъри мондагор шеърест, ки зиндагиро, тавре ки ҳаст ва ё бо ҳарфу ҳиҷои ба он муносиб бозтоб медиҳад*”[3.178]. Метавон гуфт, ки Фарзона шоири содиқ ба анъанаҳо ва ҳамзамон эҷодкори навовару

навпардоз ҳам ҳаст. Чи дар ашъори суннатӣ ва чи замониаш тасвирофаринӣ, мазмунсозӣ, моҳиятбинӣ, тахаюл, тафаккур, вожаву ибораву таркибсозиҳои мухтас ба худаш, ба фард, фаровон ба назар мерасанд. Хоссатан дар нисбат додани сифати чизҳои маъмулӣ ба чизҳои ғайримаъмулӣ, яъне офаридани тавсифҳои обнарасидаву ҳайратангез маҳорати тамом дорад ва воқеиятро бо тахайюлоту тафаккури бадеӣ ба таври табиӣ, диданиву тасаввуршаванда ва бовар карданиву пазируфтанӣ мепайвандад. Ин вижагии шеъри шоир дар баҳарбардориҳои эҷодкоронаи ӯ аз аносир ва вожаҳои маросими мотам низ ба назар мерасад:

Нашав уммедро ҷанозакашон,[6.346]

Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" *ҷаноза* чунин шарҳ дода шудааст:

1. мурда, ҷасади мурда.

2. тобут бо ҷасади мурда[7.584].

Муаллиф гуфтанист, ки ноумед нашав, умеду орзуро накуш. Ин гапи нав нест. Шоири навпардозу навгарои мо бо истифода аз як рукни маросими мотам - ҷанозакашонӣ (маъмулан мардуми мо тобутро аз хонаи мотамзада то қабристон даст ба даст мебаранд) ба ин гапи кӯҳна на танҳо навӣ, балки ғояти образнокӣ ва таъсиргузорӣ бахшида, таносуби муҳками лафзу маъниро таъмин кардааст. Байни мурда ва ноумед ҳамгунагӣ, робитаи мантиқӣ ҳаст. Ҷанозакашонии маҷозӣ заминаи воқеӣ дорад. Аслан, одамро ноумедӣ мекушад ва Фарзона одамро аз ноумедӣ, марги равонӣ раҳоӣ бахшиданист ва мегӯяд:

Нав ба нав, нав ба нав таманно кун. [6.346]

Мотамдорон барои бардоштани бори сангини андӯҳ аз асо мадад мехоҳанд. Яъне ба даст асо гирифтани азодорон аз одатҳои маъмулист. Меҳру меҳрубонӣ, шамъвор сӯхтану ба дигарон рӯшанӣ бахшидан ҷавҳари шахсу шеъри Фарзонаро ташкил мекунад. Шоир бо истифода аз расми ба асо такя кардани азодорон ҳамин дарунмояи андешаву эҳсосашро сода, самимӣ ва нотакрор ифода кардааст:

Ғами гарони мардумони сӯгворро

Расидаам, ки чун асо ба дӯши худ кашам[8.303]

"Ёдномаи тифлӣ"-и муаллиф низ сӯгномаи пандомӯзест, ки шоир ба ёди мутаҳҳару мунаввари падар бахшидааст, ки дар он низ *"ба асо такя кардан"* табиияту тозагӣ ва дар айни ҳол, бадеъияти баланди тасвирро таъмин намудааст:

Падарам рафт.

Боғи азогирифта, ки анбӯҳи аноронаш

Дар такяи душоха – асо ба даст

Сархам ситодаанд[8.411].

Шохи дарахти пурмева ҳамеша хам аст ва барои нашикастанаш шохи пурборро ба он асо (душоха) мегузоранд. Сониян, чаро шоир маҳз "анбӯҳи анорон" мегӯяд, ки аз серистеъмолтарин таркибот дар ашъори ӯст. Ба фикри мо, ин ҷо маҷоз ё ташбеҳи пӯшида ҳаст, ки таносуб ва барҷастагии тасвирро ба ҳадди камол расонидааст. Содатар гӯем, даруни анор сурх аст, мисли дилу ҷигари хуншудаи азодорон.

Пеш аз марг ба аҳли хонавода меросро тақсим намудаву васият кардан аз одати дерин ва ҳанӯз побарҷои мардумист. Ин одат ҳам либоси рамз ба бар карда, онгуна ки ба сабки Фарзона хос аст, бори гаронтари маънӣ мекашад:

Рафтанд бевасияту бемерос

Рӯзони бесаодати баҳманмоҳ[8.485].

Мурдашӯй ҳам як унсури маросими дафн аст. Шоир рисолати ба зиндагӣ омаданашро бо истифода аз санъати тазод хеле муаасир ва пандомӯз ташреҳ медиҳад:

Зиндагиро шустаму оҳар задам,

Бар хилофи мурдашӯён омадам[9. 329].

Дар байти зер либоси сиёҳи азодорон ба сифати заминаи ташбеҳ истифода шудааст:

Қалъаи ӯ офарида тобад аз дур,

Чун қабоҳои азодорон сияҳфом[8. 85].

Ин байтро аз шеъри **"Видои Темурмалик"**, ки яке аз муассиртарин сӯгнома дар таърихи пурфоҷеаи тоҷикон аст, иқтибос овардем. Барҷастагӣ ва арзиши баланди бадеии ташбеҳи дар байти болоӣ ба кор рафтаро баъди пурра хондани шеър дарк кардан метавон.

Қалами шоир дуди дарду аламҳои ҷигарсӯзи Темурмалик - тоҷики ***андар марзи худ бехонумоншуда***ро ба фалаки тасвир мепечад. Дигар ***Хуҷандаш ҳамчунон ёрест, ки аҳёре рабуда... Айшгоҳи ваҳшиёни бемакон аст”*** [8. 85]. Қалъаи Темурмалик дар мотами фарзандони ғӯрамаргаш либоси сиёҳ ба бар кардааст, азодор аст.

Агар байтҳои ба кӯтоҳии умри инсон ишорашудаи шоиронро ҷамъ орем, шояд чандин ҷилд китоб шавад. Яъне мавзӯъ кӯҳнаи кӯҳна аст. Фарзона бо истифода аз лавҳи ёдгорӣ, ки рӯи қабрҳо мегузоранд, ҳамин мавзӯи андҳазорсоларо тозагиву таровати, ба қавли худаш, нинӣ бахшидааст:

Ҳеҷ медонӣ, ки оё фурсати бисёр ҳам нест
То мунаввар гаштани номи ману ту
Рӯи лавҳи ёдгорӣ[9.362-202]

ХУЛОСА

Рӯҳи қаҳрамонҳои лирикии ашъори Фарзона заъиф нестанд, аз зарбаи ҳалокатовари фоҷеаҳо фалаҷ намешаванд ва ҳеч гоҳ зулматро ба нур, яъсро ба умед, шикоятро бар шукр, маргро бар зиндагӣ тарҷеҳ намедиҳанд. Ба байти зер таваҷҷӯҳ фармоед:

Сад бор ҳам навиштам гар сугномаи ишқ,
Ин сугномаҳоро бишнос идомаи ишқ[6.345].

Шикастарӯҳиву навмедӣ ва бечоранолӣ ба ашъори Фарзона бегона аст. Фарзона аз аносир, мушахасан одат ва вожаҳои маросими мотам аз қабили ***ҷанозакашон, “ба асо такя кардан”, қабоҳои азодорон, мурдашӯ, лавҳи ёдгорӣ*** ба сифати заминаи тасвир, андеша, тахайюл ва натиҷабардориҳои шоирона ва орифона истифода кардааст. Дар ашъори ӯ маросими мотам ба сифати объекти тасвир ба назар намерасад.

Эҳсосу тахайюли шоир ҳар қадар авҷраву парниёнӣ бошад, тафаккури мантиқиаш ҳам ҳамон қадар муҳкаму сангин аст. Андаррасидан ба моҳияти ашё ва ба шеваи ба худ хос аз берун ба дарун рафтан, байни вақеъият ва тахайюлоти бадеӣ риштаҳои абрешимӣ ва ногусастании таносубро танидан аз вижагии ҳавасангез ва шоёни таҳсини нигоҳи шоиронаи Фарзона аст.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТҲО

1.Воҳид Асрорӣ ва Раҷаб Амонов:-Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. Душанбе, Маориф. 1980. (Vahid Asrori and Rajab Amonov: Oral creativity of the Tajik people. Dushanbe, Education. 1980)

2.Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои забоншиносӣ. № 4, 2015 (News of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Department of Linguistic Sciences. No. 4, 2015)

3.Абдунабӣ Сатторзода:- Аз Рӯдакӣ то Лоиқ. Душанбе, Адиб, 2013. (Abdunabi Sattorzoda:- From Rudaki to Loik. Dushanbe, Adib, 2013).

4.Матлубаи Мирзоюнус:- Осорномаи Фарзона. Хуҷанд. ҶММ Хуросон, 2021. (Matluba Mirzoyunus:- The work of Farzona. Khujand. JMM Khorasan, 2021).

5.Матлубаи Мирзоюнус:- Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо. Хуҷанд, Ношир,2015. (Matlubai Mirzoyunus:- National literature and dialogue of cultures. Khujand, Publisher, 2015).

6.Фарзона:- Мӯҳри гули мино. Хучанд.Ношир, 2006. (Farzona:- Mina flower seal. Khuchand. Publisher, 20060.

7.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода), Душанбе, Шуҷоиён, ҷилди 1, 2008. (Interpretation culture of the Tajik language. (Edited by Sayfiddin Nazarzoda), Dushanbe, Shujoiyan, volume 1, 2008).

8.Фарзона:- Ҳама гул, ҳама тарона. Хуҷанд. Хуросон-медиа, ҷилди 1, 2014. (Farzona: All flowers, all songs. Khujand. Khorasan-media, volume 1, 2014).

9.Фарзона:- Ҳама гул, ҳама тарона. Хуҷанд. Хуросон-медиа, ҷилди 2, 2014. (Farzona: All flowers, all songs. Khujand. Khorasan-media, volume 2, 2014).

10.Фарзона:- Паёми ниёкон. Теҳрон, интишороти Садо ва симои Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1375. (Farzona:- The message of ancestors. Tehran, published by Sado and the image of the Islamic Republic of Iran, 1375).

11.Фарзона:- Найсон. Хуҷанд, Хуросон, 2019. (Farzona:- Naison. Khujand, Khorasan, 2019).

12.Матлубаи Мирзоюнус:- Шарҳи шаст шеъри Фарзона. Хуҷанд. Ношир, 2019. (Matluba Mirzoyunus:- Commentary on sixty poems of Farzona. Khujand. Publisher, 2019).

13.Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. Теҳрон, интишороти Садо ва симои Ҷумҳурии Исломии Эрон,чопи аввал, 1376. (Rohulamini Mahmud. Ancient rites and festivals in today's Iran. Tehran, published by Sado and the image of the Islamic Republic of Iran, first edition, 1376).

14. Нурзода Низом:- Ҷойгоҳи адабиёти тоҷикӣ дар фарҳанги миллӣ. //Маҷаллаи академии илмию оммавӣ “Илм ва Ҷомеа”, № 3 (16), 2019. (Nurzoda Nizam:- The place of Tajik literature in national culture. // Scientific and public academic magazine "Science and Society", No. 3 (16), 2019).